«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
д.и.и., профессор Хушвахтзода Қ.Х.
_______________________
«18» 04 2022с.

# ХУЛОСАИ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Диссертатсия дар мавзӯи «Идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ» (дар мисоли маҳсулоти корхонаҳои саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон) дар кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расонида шуд.

Давлатова Розиямо Қамбаровна бо фармоиши ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таҳти №72-05 аз 13.02.2019с. ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардида, кори илмӣ-таҳқиқотии худро оғоз намудааст.

Имтиҳонҳои номзадиро аз фанни таърих ва фалсафаи илм дар санаи 18.12.2019 бо баҳои 4 «хуб» ва аз фанни забони хориҷӣ дар санаи 13.11.2021 бо баҳои «хуб» супоридааст.

Роҳбари илмӣ доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳои миллии Тоҷикистон Низомова Туҳфамо Давлатовна мебошад.

Дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсия дар мавзӯи «Идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ» (дар мисоли маҳсулоти корхонаҳои саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон) чунин хулосаҳо бароварда шуд.

1. **Баҳодиҳии иҷрои диссертатсия.** Диссертатсияи Давлатова Розиямо Қамбаровна дар мавзӯи «Идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ» (дар мисоли маҳсулоти корхонаҳои саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон) ба яке аз масъалаҳои муҳим ва муосири рушди саноати миллӣ ва таъмини саноатикунонии босуръати кишвар бахшида шуда, бо забони илмӣ иншо гардидааст ва таҳқиқоти анҷомёфта ба ҳисоб меравад, мақсад ва вазифаҳои диссертатсия иҷро гардида, пешниҳод ва хулосаҳо асоснок гардидаанд.
2. **Иштироки шахсии аспирант дар гирифтани натиҷаҳое, ки дар диссертатсия пешниҳод кардааст.** Тамоми давраҳои иҷрои нақшаи кори диссертатсионӣ, аз ҷумла интихоби мавзӯъ, асосноккунӣ, мақсад, вазифаҳо

ва баррасии аҳамиятнокии он бо иштироки бевоситаи диссертант таҳия карда шудааст. натиҷаҳои илмии диссертант дар раванди таълим ва омӯзиш дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҳангоми гузаштани курсҳои таълимии «Иқтисодиёти корхонаҳо», «Иқтисодиёти соҳа» ва «Идоракунии сифат» истифода бурда шудаанд.

**3. Дараҷаи асоснокии таҳқиқоти анҷомдодашуда.**

Асоснокӣ ва дараҷаи саҳеҳии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он зоҳир меёбад, ки муаллиф назарияҳо, хулосаю ақидаҳои дар тадқиқотҳои илмии бунёдӣ ва амалии олимони ватанӣ ва хориҷӣ ифодаёфтаро дар доираи баррасии масъалаҳои омӯзишии ҷанбаҳои назариявии идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ истифода намуда, инчунин асосҳои методологӣ ва таҳлили равандҳои таъмини рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ ва хусусиятҳои идоракунии онро бо такя ба корҳои илмии олимону муҳаққиқони ин соҳа баррасӣ ва мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Дар раванди иҷроиши кори диссертатсионӣ усулҳои зерини таҳқиқот истифода бурда шудаанд: муқоиса, методҳои оморию иқтисодӣ, методҳои ҷадвалсозӣ ва графиксозӣ, таҳлили системавӣ, гуруҳбандӣ, методи абстрактивию мантиқӣ, усули таҷрибавӣ ва ғ.

**Навовариҳои илмии таҳқиқот**. Дар кори диссертатсионӣ натиҷаҳои зерини назариявӣ ва амалӣ ба даст оварда шудаанд, ки навоварии илмии таҳқиқотро дар худ таҷассум менамоянд:

– дар асоси банизомдарорӣ ва омӯзиши нуқтаи назари иқтисодчиён фаҳмиши муаллифии рақобатпазирии маҳсулот муайян карда шуда, таркибдиҳандаҳои рақобатпазирии маҳсулот ошкор гардидааст ва заминаҳои баландбардории рақобатпазирии маҳсулот ошкор ва асоснок карда шуданд.

– омилҳо ва нишондиҳандаҳои ба сатҳи рақобатпазирии маҳсулот таъсиррасон мушаххас карда шуда, нақши марказӣ доштани омили инсонӣ ва дигар омилҳои калидии таъмини рақобатпазирӣ гуруҳбандӣ ва маънидод шудаанд, фаъолияти муштараки механизми бозорию давлатии идоракунии рақобатпазирӣ ҳамчун самти муҳими идоракунии рақобатпазирӣ асоснок карда шудааст.

– дар натиҷаи таҳлили вазъи кунунии корхонаҳои саноати сабук ва баҳодиҳии нишондиҳандаҳои фаъолияти онҳо ноустувории рақобатпазирии маҳсулоти онҳо муайян ва тамоюли мусбии содироти маҳсулоти корхонаҳои саноати нассоҷӣ, зарурати рушди истеҳсоли пойафзол ва дигар маҳсулоти чармӣ дар ҳудуди ҷумҳурӣ ошкор карда шудааст.

– омилҳои таъмини рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабук таҳлилу баҳогузорӣ шуда, муҳимтарини онҳо ошкор гардиданд, аз ҷумла: муҳофизати маҳсулоти истеҳсолоти ватанӣ аз таъсири омилҳои манфӣ, зиёд намудани афзалиятҳои рақобатии маҳсулот, рушди устувори иҷтимоию иқтисодии ҷомеа, рафтори истеъмолкунандагони конкретӣ, фоиданокию нархи маҳсулот, хусусиятҳои инноватсионӣ доштани маҳсулоти корхонаҳои саноати сабуки ватанӣ, танзими давлатии соҳа, тамоюли мусбии омилҳои иқтисодӣ, технологӣ ва неруи устувори кадрӣ.

– имконятҳои таъмини рақобатпазирии маҳсулоти саноати сабук дар асоси таҳқиқи таҷрибаи ватанӣ ва хориҷӣ муайян карда шуд, ба монанди: баландбардории сифати маҳсулот, сабукиҳои андозӣ, истифодаи васеи инноватсия, диверсификатсияи истеҳсолоти саноатӣ, баланд бардоштани сатҳи тахассуснокии захираҳои меҳнатии соҳа, афзоиши ҳосилнокии меҳнат, рушди инфрасохтори иқтисодӣ, меъёри имтиёзноки фоизи қарзҳои бонкӣ ба корхонаҳои соҳа, ҷорӣ намудани истеҳсолоти сарфакорона дар корхонаҳои соҳа, истифодаи васеи дидҷитал-маркетинг, ба роҳ мондани фаъолияти субъектҳои саноати сабук дар намуди корхонаҳои хурду миёна ва амалкарди низоми мукаммали идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти саноати сабук.

– ноустувории фаъолияти инноватсионии корхонаҳои саноати сабук муайян карда шуд ва ҷиҳати истифодаи васеи роҳу усулҳои инноватсионӣ дар ҳама самтҳои фаъолияти онҳо, ки барои зиёд намудани афзалиятҳои рақобатӣ ва таъмини рақобатпазирии маҳсулоти саноати сабук мусоидат менамояд, тавсияҳо пешниҳод карда шуд.

**4. Алоқамандии мазмуни диссертатсия бо ихтисоси интихобшуда.**

Диссертатсияи Давлатова Р. Қ. дар мавзӯи «Идоракунии рақобатпазирии махсулоти корхонаҳои саноатӣ» (дар мисоли маҳсулоти корхонаҳои саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон), барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.05 «Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ (саноат)» пешниҳод гардидааст.

**Навоварӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот ба ихтисоси интихобшуда.** Навоварӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз руи ихтисоси 08.00.05 «Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ (саноат)»: 1.1.4. Самаранокии амалкарди корхонаҳо (ташкилот). 1.1.5. Амалкарди ташкилот (корхонаҳо) дар муҳити бозор. 1.1.7. Ташаккули механизмҳои тараққиёти устувори иқтисодиёти соҳаҳо, муҷтамаъҳо ва корхонаҳои саноатӣ 1.1.28. Проблемаҳои реструктурикунии иттиҳодияҳо ва корхонаҳои саноатӣ мутобиқат мекунанд.

**Таъйиди диссертатсия ва иттилоот оид ба истифодаи натиҷаҳои он**.

Муҳтавои асосии назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар шакли маърӯза ва мақолаҳо дар конференсияҳо, семинарҳои илмӣ ва илмию амалии аҳамияти байналмилалӣ ва ҷумҳуриявидошта дар давраи солҳои 2019-2022 пешниҳод ва баррасӣ шудаанд.

**Интишори натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ** дар 14 кори илмии муаллиф, аз он ҷумла дар 4 мақолаи дар маҷалла ва нашрияҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Ҳаҷми умумии маводи чопшудаи илмӣ аз рӯйи мавзӯи диссертатсия 4,2 ҷ.ч.-ро ташкил медиҳад.

## ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ ОИД БА МАВЗӮИ ДИССЕРТАТСИЯ

**А) Интишорот дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудааст:**

[1-М]. **Давлатова Р.К., Исоева Д.Э.** Истифодаи усулҳои инноватсионӣ ҳамчун таъмини рақобатпазирӣ ва рушди корҳонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. 2019. № 9.-С.132-137.

[2-М]. **Давлатова Р.Қ.** Маҳсулоти саноатӣ ва хусусиятҳои идоракунии рақобатпазирии он. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. 2020. № 10-1. С.25-29.

[3-М]. **Давлатова Р.Қ.** Таъмини рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Паёми молия ва иқтисод. 2021. № 3 (27).- С.160-166.

[4-М]. **Давлатова Р.Қ.** Асосҳои назариявӣ-методологии баҳодиҳии рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. 2021. № 7.- С.83-90.

**Б) Интишорот дар дигар маҷаллаҳои илмӣ:**

[5-М]. **Давлатова Р.Қ.** Омилҳои рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон / Конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзӯи «Саноаткунонии кишвар ва таъмини рушди босуботи иқтисодиёт», (ш.Душанбе, 27.02.2020г.) –Душанбе, 2020. - С.354-358.

[6-М]. **Давлатова Р.К.** Управление конкурентоспособностью предприятий лугкой промышленности Республики Таджикистан / Материалы общеуниверситетского научно-теоретического круглого стола на тему

«Актуальные проблемы менеджмента в современных условиях» (г.Душанбе, 20-декабря 2019г.). - Душанбе, 2020г. – С.74-76 (в соавт.).

[7-М]. **Давлатова Р.Қ.** Асосҳои назариявии рақобатпазирии иқтисодиёти кишвар / Конференсияи байналхалқии илмию амалӣ дар мавзӯи «Амалисозии ҳадафҳои рушди устувор: таҷрибаи хориҷӣ ва миллӣ», (ш.Душанбе, 13.10.2020.). -Душанбе, 2020. - С.547-552.

Дар маҷлис иштирок доштанд 17 нафар аз онҳо бо ҳуқуқи овоздиҳӣ 17 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 17 нафар «муқобил» - нест, «бетараф»-нест, суратмаҷлиси №9, аз 26.04.2022с.

Хулосаи мазкур дар маҷлиси муштараки кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкорӣ ва кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 26 апрели соли 2022, бо суратмаҷлиси №9 қабул гардидааст.

**Раисикунанда:**
Мудири кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории ДМТ, н.и.и., дотсент — Раҳмонов Ҷ.Р.

**Котиб:**
н.и.и., м/к кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодии ДМТ — Сафаров Н.У.

«Имзои Ҷ. Р. Раҳмонов ва Н.У. Сафаровро тасдиқ мекунам»

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ
«28» 04 2022с. — Тавқиев Э. Ш.

**НУСХАИ**

суратмаҷлиси №9 аз маҷлиси муштараки кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкорӣ ва кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 26.04.2022с. ш. Душанбе

**Раисикунандаи маҷлис:** Раҳмонов Ҷ.Р. - н.и.и., дотсент, мудири кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва сорҳибкории ДМТ.

**Котиби маҷлис:** Сафаров Н.У. - н.и.и., м/к кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодии ДМТ

**Иштирок намуданд:** д.и.и., проф. Исайнов Ҳ.Р., д.и.и., проф. Низомова Т.Д., н.и.и., дотс. Раҳмонов Ҷ.Р., дотс. Шодманова М.Х., н.и.и., дотс. Тағоев Б.Д., н.и.и., дотс. Фаррухӣ Р., н.и.и., м/к Билолов Н.Қ., н.и.и., м/к Сафаров Н.У., н.и.и., м/к Раҳматзода С., ассистентҳо Холов А. М., Маҷидов Ф.Б., Сафарова С.Ҳ., Азизова М.Г., Ҷумаева Х. Ю., Чоршанбиев С.Р., Раҳимов Ш.З., Сафаров А.Ҳ. ва дигар устодону унвонҷӯён

**Рӯзномаи маҷлис:**

Муҳокимаи байникафедравии кори диссертатсионии Давлатова Розиямо Қамбаровна дар мавзуи Идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ» (дар мисоли маҳсулоти корхонаҳои саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон), барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 - Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01 - Иқтисодиёти саноат ва энергетика).

**Роҳбари илмӣ:**

Низамова Тухфамо Давлатовна - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризон:**

Исайнов Ҳ.Р.- доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

Шодманова М.Х. - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

Билолов Н.Қ. - номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Раис**

Ҳозирини муҳтарам, имрӯз дар маҷлис диссертатсияи Давлатова Розиямо Қамбаровна дар мавзуи Идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ» (дар мисоли маҳсулоти корхонаҳои саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон), барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 - Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01 - Иқтисодиёти саноат ва энергетика), мавриди муҳокима қарор дода мешавад.

Диссертатсия аз ҷониби унвонҷӯи кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории ДМТ, Давлатова Розиямо Қамбаровна таҳти роҳбарии Низамова Тухфамо Давлатовна - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таҳия карда шудааст.

Барои ироаи мундариҷаи асосии диссертатсия сухан ба Давлатова Розиямо Қамбаровна дода мешавад.

**Давлатова Р.Қ.**

Мухтасар оид ба самт ва натиҷаҳои таҳқиқоти илмии худ маълумот пешниҳод намуд (маърӯза замима мегардад).

**Раис**

Маъруза ба охир расид. Марҳамат саволҳо.

**Фаррухӣ Р., номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент.**

Дар диссертатсия ақидаи муаллифии шумо оиди мафҳуми рақобатпазирии маҳсулот пешниҳод шудааст, агар бошад чӣ гуна аст?

**Давлатова Р.Қ.**

- Бале, мо ақидаи худро оиди мафҳуми рақобатпазирии маҳсулот чунин пешниҳод намудаем “Рақобатпазирии маҳсулот ин афзалият дар сифат, нарх ва хусусиятҳои истеъмолию манфиатнокии маҳсулот мебошад, ки дар муқоиса бо маҳсулоти рақиб вобаста ба дараҷаи қонеъкунии талаботи истеъмолкунанда ва таъмини манфиатҳои иқтисодии истеҳсолкунанда дар вақти муайян ва бозори муайян фарқкунанда мебошад.”

**Тағоев Б.Д., номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент.**

Навгонии илмии тадқиқоти диссертатсионии шумо аз чи иборат аст?

**Давлатова Р.Қ.**

- Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз таҳияи заминаи назариявӣ- методологӣ ва коркарди тавсияҳои амалӣ иборат мебошад, ки барои такмили ҷараёни идоракунии рақобатпазаирии маҳсулоти саноати сабук нигаронида шудаанд.

**Раҳматзода С., номзади илмҳои иқтисодӣ.**

Ҳиссаи молу маҳсулоти корхонаҳои саноати сабук дар сохтори молии гардиши моли чакана айни замон чанд фоизро ташкил медиҳад?

**Давлатова Р.Қ.**

- Аз ҷадвали 2.1.3 бармеояд, ки молу маҳсулоти корхонаҳои саноати сабук дар сохтори молии гардиши моли чакана ҳиссаи муайянеро ишғол менамоянд. Тавре рақамҳои оморӣ нишон медиҳанд, ҳиссаи молу маҳсулоти корхонаҳои мазкур дар солҳои охир ба 12,0 % омада расидааст. Аз молу маҳсулоти дар ҷадвал овардашуда ҳиссаи газвор, пойафзол, пахтагин, қолинҳо ва маҳсулоти қолинӣ, либос ва либоси таг нисбатан назаррас мебошад. Мутаассифона ҳиссаи молу маҳсулоти зикршуда дар сохтори молии гардиши моли чакана сол то сол коҳиш ёфта истодааст, ба истисноӣ либосворӣ, ки солҳои охир то андозае афзоиш ёфтааст.

**Раҳмонов Ҷ.Р., номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент.**

Кадом олимони ватанӣ оид ба масъалаҳои идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ тадқиқоти илмӣ гузаронидаанд?

**Давлатова Р.Қ.**

- Омӯзиши масъалаҳои идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ аз ҷониби олимони ватанӣ, аз қабили: Низомова Т.Д., Комилов С.Ҷ., Файзуллоев М.К., Ҷурабоев Ғ.Д., Мирсаидов А.Б., Каримова М., Ҳоҷиматова Х.Р., Хоҷаева Д.А. мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Таҳқиқи баъзе самтҳои алоҳидаи рақобатпазирии маҳсулот бошад дар корҳои илмии Қодирзода Д.Б., Ҷумаев У.М. ва Раҳимов А.М. баррасӣ гардидаанд.

**Сафаров А.Ҳ., муаллими калон.**

Дар ҷумҳурии мо татбиқ намудани таҷрибаи кадом мамлакатҳои хориҷиро оиди таъмини рақобатпазирии маҳсулот метавонем истифода кунем?

**Давлатова Р.Қ.**

- Таҷрибаи таъмини рақобатпазирии маҳсулоти саноати сабуки як катор давлатҳои Осиё, Европа ва мамлакатҳои қитъаи Америкаро таҳлил намуда, дар кори худ нишон додем, ки кадом ҷиҳатҳои таҷрибаи пешкадамро дар шароити ҷумҳурии мо барои таъмини рақобатпазирии маҳсулоти саноати сабук тавсия кардан мумкин аст.

**Чоршанбиев С.Р., ассистент.**

Ба фикри Шумо афзоиши шумораи корхонаҳои саноатӣ барои таъмини шуғл таъсир мерасонад ё не?

**Давлатова Р.Қ.**

- Дар асоси маълумотҳои оморӣ мо муайян кардем, ки дар сурати ба 1% зиёд шудани шумораи корхонаҳои саноатӣ шумораи миёнасолонаи коркунони истеҳсолоти саноатӣ ба 0,43% зиёд мешавад. Аз ин ҷо чунин бармеояд, ки афзоиши шумораи корхонаҳои саноатӣ барои таъмини шуғл таъсири на он қадар назаррас расонидааст.

**Сафарова С. ассистент.**

Маълум аст, ки баландбардории сатҳи рақобатпазирии маҳсулоти саноатӣ ба дастгириҳои молиявӣ эҳтиёҷ дорад. Ба фикри Шумо ҷалби сармоя ба корхонаҳои саноати сабук дар айни замон дар кадом сатҳ қарор дорад.

- Дар шароити муосир, ки рақобатпазирии маҳсулот дар заминаи истифодаи техникаю технологияи инноватсионӣ, истифодаи ашёи хоми баландсифат, ҳавасмандии кормандон ва дигар омилҳои ба инҳо монанд таъмин карда мешавад, аз захираҳои молиявӣ вобаста мебошанд. Ҳаҷми маблағи ҷалбкардашудаи сармоя ба корхонаҳои саноати сабук қаноатбахш нест. Қайд кардан зарур аст, ки ҳаҷми нокифояи сармоягузорӣ монеаи рушди истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазири соҳа шуда метавонад. Дар солҳои охир баробари афзоиши шумораи корхонаҳои саноатӣ ҳаҷми сармоягузорӣ нисбатан коҳиш ёфтааст. Масалан агар дар соли 2015 ба сари ҳар як корхонаи саноати сабук 2 млн 251 ҳазор сомонӣ маблағи сармоягузорӣ рост омада

бошад, пас ин рақам дар соли 2016 ба 0,206 млн сомонӣ, дар соли 2017 0,47 млн сомонӣ, дар соли 2018 0,500 млн сомонӣ ва дар соли 2019 ба 0,153 млн сомонӣ расидааст.

**Холов А.М., ассистент.**

Дар диссертатсия кадом нишондиҳандаҳо ҳангоми баҳодиҳии рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабук муҳим арзёбӣ мегарданд.

**Давлатова Р.Қ.**

- Ба андешаи мо, нишондиҳандаҳои асосии баҳодиҳии рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабук пеш аз ҳама сифати маҳсулот, нархи он, дараҷаи пешниҳод ва хизматрасонӣ, уҳдадориҳои кафолатӣ ва имтиёзу гузаштҳои нархӣ ба ҳисоб мераванд, ки дар диссертатися аз рӯи онҳо таҳлилҳо гузаронида шудаанд.

**Раис**

Боз савол ҳаст! Нест. Ташаккур. Сухан ба роҳбари илмӣ, профессор Низамова Т.Д. дода мешавад, то ин ки хулосаҳои худро нисбати унвонҷӯ ва рисолаи таҳқиқотӣ иброз намоянд.

**Низамова Т.Д., д.и.и., профессор.**

Дар баромад ва тақризи худ роҳбари илмӣ профессор Низамова Т.Д. оид ба диссертатсия ва муаллифи он маълумотҳои мушаххас пешниҳод намуд (замима мегардад).

**Раис**

Ташаккур. Ба муҳокимаи кори диссертатсионӣ мегузарем. Сухан ба муқарриз **Исайнов Ҳ.Р.** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодии ДМТ дода мешавад.

**Исайнов Ҳ.Р.**

Дар маърузаи худ оид ба муҳиммият, самтҳои таҳқиқот, афзалият ва камбудиҳои он сухан ронда, дар охир хулосаи худро пешниҳод намуд (тақриз замима мегардад).

**Раис**

Сухан ба унвонҷӯ Давлатова Р.Қ. барои посух додан ба эродҳои муқарриз дода мешавад.

**Давлатова Р.Қ.**

Муҳарам раис, иҷозат диҳед миннатдории хешро ба муқарриз, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Исайнов Ҳ.Р. барои баҳодиҳии холисона ба кори диссертатсионӣ, баён намоям.

Ба эродҳои гирифтаи муқарриз розӣ ҳастам ва кӯшиш менамоям, ки дар муҳлати кутоҳтарин онҳоро бартараф сохта, дар таҳқиқоти ояндаи илмии худ низ аз он самаранок истифода мебарем.

**Раис**

Ташаккур. Сухан ба муқарриз Шодманова М.Х. - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории ДМТ дода мешавад.

**Шодманова М.Х.**

Дар маърузаи худ оид ба муҳиммият, самтҳои таҳқиқот, афзалият ва камбудиҳои он сухан ронда, дар охир хулосаи худро пешниҳод намуд (тақриз замима мегардад).

**Раис**

Сухан ба унвончу Давлатова Р.Қ. барои посух додан ба эродҳои муқарриз дода мешавад.

**Давлатова Р.Қ.**

Муҳтарам раис, иҷозат диҳед миннатдории хешро ба муқарриз номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Шодманова М.Х. барои баҳодиҳии холисона ба кори диссертатсионӣ, баён намоям. Ба эродҳои муқарриз розӣ ҳастем ва кӯшиш менамоем, ки дар таҳқиқоти ояндаи илмии худ аз он самаранок истифода барем.

**Раис**

Ташаккур. Сухан ба муқарриз Билолов Н.Қ. - номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории ДМТ дода мешавад.

**Билолов Н.Қ.**

Дар маърузаи худ оид ба муҳиммият, самтҳои таҳқиқот, афзалият ва камбудиҳои он сухан ронда, дар охир хулосаи худро пешниҳод намуд (тақриз замима мегардад).

**Раис**

Сухан ба унвончу Давлатова Р.Қ. барои посух додан ба эродҳои муқарриз дода мешавад.

**Давлатова Р.Қ.**

Бо иҷозати шумо, миннатдории хешро ба муқарриз номзади илмҳои иқтисодӣ Билолов Н.Қ. барои баҳодиҳии холисона ба кори диссертатсионӣ, баён намоям. Ба эродҳои муқарриз розӣ ҳастем ва кӯшиш менамоем, ки онҳоро ислоҳ намуда, дар таҳқиқоти ояндаи илмии худ аз он самаранок истифода барем.

**Раис**

Ба муҳокимаи масъала мегузарем. Марҳамат, кӣ баромад кардан мехоҳад.

**Дар муҳокимаи кори диссертатсионӣ иштирок намуданд:** н.и.и., дотсент Фаррухӣ Р., н.и.и., дотсент Тағоев Б.Д. ки дар баромадҳои худ оид ба рӯзмаррагии мавзуи таҳқиқот, сатҳи илмӣ, навовариҳои илмии он, аҳамияти амалӣ, саҳми унвонҷӯ дар коркарди масъалахои назариявии таҳқиқот ва ғайра сухан ронда, аз ҷумла қайд намуданд, ки дар маҷмӯъ диссертатсия ба талаботи нисбат ба корҳои диссертатсионӣ пешниҳодшаванда ҷавобгӯ буда, он дорои маълумоти хусусияти илмӣ-амалӣ мебошад.

**Қарор қабул карда шуд:**

1. Диссертатсияи Давлатова Розиямо Қамбаровна дар мавзӯи «Идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ» (дар мисоли

маҳсулоти корхонаҳои саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 - Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01 - Иқтисодиёти саноат ва энергетика) пешниҳод гардидааст, кори баитмомрасида ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Давлатова Розиямо Қамбаровна дар мавзӯи «Идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ» (дар мисоли маҳсулоти корхонаҳои саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 - Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01 - Иқтисодиёти саноат ва энергетика) ба муҳокимаи расмӣ бо назардошти ислоҳи камбудиҳои ошкоргардида пешниҳод карда шавад.

3. Қарори маҷлиси муштараки кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкорӣ ва кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодӣ тасдиқ карда шавад.

Дар маҷлиси муштараки кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкорӣ ва кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодӣ (Суратмаҷлиси №9, аз 26.04.2022) 17 нафар иштирок доштанд. Натиҷаҳои овоздиҳии кушода: бо ҳуқуқи овоздиҳӣ - 17 нафар, тарафдор 17 нафар, зид нест, бетараф нест.

**Раисикунандаи маҷлис:**
Мудири кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо
ва соҳибкории ДМТ, н.и.и., дотсент — Раҳмонов Ҷ.Р.

**Котиби маҷлис:**
н.и.и., м/к кафедраи иқтисоди миллӣ
ва бехатарии иқтисодии ДМТ — Сафаров Н.У.

«Имзои Ҷ. Р. Раҳмонов ва
Н.У. Сафаровро тасдиқ мекунам»

Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДМТ
«28» 04 2022 — Тавқиев Э. Ш.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН · TAJIK NATIONAL UNIVERSITY · УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦЧАСТИ